№2923/13.1 «д» аз 09.03.2018

Мақомоти ҳудудии андоз

Нусха: Шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ

«Доир ба татбиқи дурусти тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451»

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2018, №60 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки тағйиру иловаҳои воридшуда амалан аз санаи 1 январи соли 2018 мавриди амал қарор дода мешавад.

Бо мақсади татбиқи дурусти тағйиру иловаҳои воридшуда ва сари вақт ба самъи андозсупорандагон расонидани моҳияти тағйиру иловаҳо мактуби дастурии мазкур ба Шумо ирсол карда мешавад.

1. Тибқи тағйироту иловаҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» банди 3 дар таҳрири нав илова гардид, ки аз муқарраротҳои зерин иборат мебошад:

«3. Номгӯйи намудҳои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона, ки фурӯш, иҷрои кор ва хизматрасонӣ вобаста ба онҳо аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод мебошанд, тасдиқ карда шаванд (Замимаи 4).».

Бо мақсади ҳавасмандӣ, дастгирии соҳибкорони инфиродӣ ва рушди ҳунарҳои миллии мардумӣ, номгӯйи намудҳои фаъолият оид ба иҷрои кор, хизматрасонӣ, истеҳсол ва фурӯши молҳои ниёзи мардум дар хона, ки дар Замимаи 4 ба қарори мазкур тасдиқ гардидааст, аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод пешбинӣ гардидаанд.

Инчунин, тибқи бандҳои 1 ва 2 эзоҳ, ки бо замимаи 4 қарори мазкур тасдиқ гардидааст, минбаъд барои амалӣ намудани фаъолиятҳои дар замимаи мазкур дарҷгардида аз шахсони воқеие, ки фаъолияти онҳо ба талаботи зикргардида ҷавобгӯ мебошанд, патент ва ё шаҳодатномаи соҳибкорӣ талаб карда намешаванд ва ҳамзамон, фурӯш (иҷрои кор, хизматрасонӣ), аз ҷумла хизматрасониҳои таъмиру омӯзишӣ вобаста ба намудҳои фаъолияте, ки дар номгӯи мазкур пешбинӣ шудаанд, ба шарте аз пардохти ҳамаи намуди андозҳо озод карда мешаванд, ки дар хона анҷом ёфта бошанд.

Яъне, ҳангоми амалӣ намудани фаъолиятҳои пешбинигардида, дар мавриди истеҳсол, фурӯш (иҷрои кор, хизматрасонӣ), аз ҷумла хизматрасониҳои таъмиру омӯзишӣ ба шарте аз пардохти ҳама намуди андозҳо озод мебошанд, ки фаъолиятҳои мазкурро шахси онро амаликунанда бевосита дар хона (бидуни ташкили коргоҳҳои истеҳсолӣ, нуқтаи савдои алоҳида ва ё мағоза) ба анҷом расонад, аз имтиёзҳои пешбинингардида бархурдор мегардад.

Дар сурати берун аз хона анҷом додани фаъолиятҳои мазкур аз ҷумла, ба воситаи таъсиси коргоҳҳои истеҳсолӣ ва ё фуруши махсулотҳои омодагардида дар дуконҳо ва мағозаҳои алоҳида, ки шахси онро амаликунанда истеҳсолкунандаи молу маҳсулоти мазкур ба ҳисоб намеравад, таҳти андозбандӣ қарор дода мешаванд.

Илова ба ин, бо мақсади аз байн бардоштани гуногунфаҳмиҳо ва бо назардошти хусусияти оммавӣ доштани баъзе аз намудҳои фаъолият аз қабили қолинбофӣ, дуредгарӣ, кандакорӣ, дузандагӣ, атласу адрасбофӣ, бофтани маҳсулоти пашмин, ҷомадузӣ, кӯрпадузӣ, ҳайкалтарошӣ, гаҷкорӣ, кулолгарӣ, табақтарошӣ, гаҳворасозӣ, кордсозӣ, ҷувозсозӣ, осиёбсозӣ, сангтарошӣ, рассомӣ, фатирпазӣ ҳамон фаъолиятҳое дар назар дошта шудааст, ки ба таври дастӣ ва дар хона омода гардидаанд.

Вобаста ба ин, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки ҷиҳати ба самъи андозсупорандагон расонидани моҳияти тағйиру иловаҳои воридшуда ба қарори мазкур дар ин хусус корҳои фаҳмондадиҳӣ ва семинар-машваратҳо гузаронида, ҳамзамон номгӯи фаъолиятҳои аз андозбандӣ озодро дар лавҳаҳои нозироти андоз, бозорҳо ва марказҳои савдою хизматрасонӣ ҷойгир намоянд.

Мавриди қайд аст, ки дар баробари амалӣ намудани фаъолиятҳои дар бандҳои 79 «Сандуқсозӣ», 89 «Кулчаи калонпазӣ», 90 «Гирдачапазӣ», 91 «Чаппотипазӣ», 92 «Кулчаи чойникпазӣ» ва банди 93 «Тунукчапазӣ» пешбинигардида дар хона, ҳамзамон истифодабарии меҳнати кироя (коргари кироя) низ дар бандҳои зикргардида маҳдуд карда шудаанд, яъне дар сурати истифодаи меҳнати кироя шахси онро амаликунанда имтиёзи мазкурро аз даст медиҳанд ва ҳамзамон даромадҳои онҳо тибқи талаботи қонунгузорӣ ҳамчун соҳибкорӣ инфиродӣ андозбандӣ мегарданд.

Бандҳои 4-8 мувофиқан бандҳои 5-9 ҳисобида шудаанд, ки тағйироти воридшуда дар ин қисмат хусусияти таҳририӣ доранд.

2. Ба Замимаи 2 қарори мазкур, ки «Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродие, ки дар асоси патент амалӣ карда мешаванд ва

андозаҳои пардохт барои патент»-ро дар бар мегирад, тағйироту иловаҳои зерин ворид карда шуд, аз ҷумла,:

Бо назардошти аз андозбандӣ озод пешбинӣ гардидани номгӯи намудҳои фаъолияти дар бандҳои 11 ва 49 пешбинигардида, бандҳои мазкур пурра аз номгӯйи намудҳои фаъолияти бо патент амалишаванда хориҷ карда шуданд.

Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андоз, шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар маҳаллҳо вазифадор карда мешаванд, ки соҳибкороне, ки қаблан дар ин гуруҳҳо ба қайди давлатӣ гирифта шуда буданд, ҷиҳати ҳисоб ва пардохти маблағи патенти онҳо барои давраи то санаи 01.01.2018 ва ҳамзамон барои расман қатъ намудани фаъолияти соҳибкории онҳо дар муҳлати кӯтоҳтарин чораҷуӣ намоянд.

Ғайр аз ин, бо мақсади аз байн будани гуногунфаҳмиҳо, бо назардошти дар замимаи алоҳида пешбинӣ ва тасдиқ гардидани ҳолати аз андозбандӣ озод будани намудҳои фаъолият аз ҷумлаи сеюми эзоҳ калимаҳои «, дар деҳотҷойҳо амалӣ намудани фуруши маҳсулоти ҳунарҳои бадеии халқӣ ва маҳсулоти бофташуда (пашмӣ, намадӣ, пахтагӣ, абрешимӣ, гулдузӣ, зардузӣ), дар деҳотҷойҳо ба роҳ мондани омӯзиши ҳунарҳои миллӣ (дузандагӣ, бофандагӣ, риштабофӣ, газворбофӣ, дуредгарӣ, кандакорӣ, рассомӣ, рангуборкунӣ ва нақошӣ)» хориҷ карда шудаанд.

Сардорони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки тамоми кормандонро бо мактуби дастурии мазкур шинос карда, доир ба он семинари омӯзишӣ гузаронида аз натиҷаи он протоколҳо тартиб дода, нусхаи онро ба Кумитаи андоз пешниҳод намоянд.

Ҳамзамон, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани механизми татбиқи имтиёзҳои андозӣ нисбат ба фаъолиятҳое, ки номгӯи онҳо тибқи замимаи 4 ба қарори мазкур тасдиқ карда шудааст, Феҳристи соҳибкороне, ки чунин фаъолиятҳоро дар маҳалҳо амалӣ менамоянд ташкил намуда, ба беасос аз чунин соҳибкорон талаб намудани ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ (патент ва ё шаҳодатнома) роҳ надиҳанд.

Замима: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2018, №60 дар ҳаҷми ___варақ.

Раис Н. Давлатзода